ТОЗ 2
ил С-55

Муродалӣ Собир

# ТИФЛИ ДАРЁ



703 2
ил С-55

## НАМУНА

Дар мактабу дар хона
Аз таҳти дил мехонам.
Ҳама гӯянд офарин,
Ман дарсамро медонам.

Узви маҳфили мактаб
Мебошам ман доимо,
Савол диҳад муаллим,
Ҷавоб диҳам ман бурро.

То ки бошам ман доно,
То нагӯянд нокобил,
Китобамро кушода,
Мехонам аз таҳти дил.

## ОДОБИ МАКТАБХОН

Хоҳӣ мактабхон бошӣ,
Дар барат бошад китоб,
Толиби илму фан шав,
Камтар бикун хуфту хоб.

Аз пешат гузар кунанд
Гар мардуми хосу ом,
Пеши бар бурда ду даст
Бидеҳ ба онҳо салом.

Шаъни диёри худро
Хоҳи намоӣ баланд,
Коре бояд намоӣ,
Ба ҳама ояд писанд.

Рафтор бошад намуна,
Гардад шоёни таҳсин.
Аъло хонӣ мактабро,
Ба ту гӯянд офарин.

Китобхонаи давлатии бачагонаи
Ҷумҳурии Тоҷ...
М. Миршакар
2020 6/9



## БАҲОРИСТОН

Нишон диҳад ҷаҳонро,
Ҷаҳонн кӯдаконро,
Дар ҳама рӯйи олам
Паёми дӯстонро.

Шогнрдн ӯ бешумор,
Барномаҳояш қатор
Бар ҳама кас хушояд.
Баҳори овозадор.

Мешавем мо интизор
Барномаро беқарор.
Аз навиду номааш
Омӯзем, он чн даркор.

Бошад доим гулафшон,
Баҳорн «Баҳористон».
Ҳадду канор надорад
Шодии хурдтаракон.

## КИСТ АСКАР?

Фарзандони баоранд,
Нангу номусе доранд.
Ҷойи аскар майдон аст,
Майдон ҷойи мардон аст.
Дар дасташ дорад камон,
Марзу бумро нигаҳбон.
Баҳонае наҷӯяд,
Барфу борон нагӯяд.
Боғайрату нангу ор,
Бар Ватан аст фидокор.
Дилу ҷони ӯ Ватан,
Бо Ватаи аст тан ба тан!





## ДУ БУЗҒОЛА

Аз паси модар чаро
Медавиданд ба саҳро.
Ҳар ду рӯйи сабзаҳо,
Гаҳ поёну гаҳ боло.
Ду бузғола нозанин
Мӯйҳояшон зарҳалин
Ҳар ду баробар буданд,
Дӯсти ҳамдигар буданд.
Модар ҳарчанд шитобад,
Ҳар дуро дарнаёбад.
Беҳад шӯху бозиғар,
Дугоник, ҳарду хоҳар.

## ТИРУКАМОН

Садое гур-гур
Овози тундур.
Ғул-гул бикард сар,
Ғӯшро намуд кар.
Борони найсон
Борид ногаҳон.
Бо як обутоб,
Пайдо шуд офтоб.
Ҳафт ранги зебо
Пас бишуд пайдо.
Рангинкамон шуд,
Тиру камон шуд.
Аҷаб зебо буд,
Тӯй дар фазо шуд.



## ДЕҲА

Овози бузу бара,
Қакраи кабки дара,
Аз рӯйи синаи кӯҳ
Садо кунад шаршара.

Ав-ав кунад Алопар,
Ҳезум кафонад Назар.
Бедор кунад ҳамаро
Бонги хурӯси саҳар.

Ҳуштак зада бачагон,
Ҳар сӯ бошанд дав-давон.
Аз субҳ то дами шом,
Деҳа надорад ором.

## ЗАМИН

Барои модар – замин
Дилсӯзу меҳрубонем.
Рӯзирасон замин аст,
Бо он қарин бимонем.

Нигаҳбонаш мешавем,
Мекунем онро шудгор,
Замин бошад файзбор,
Мо деҳқони донакор.

Дар ҳама дунё замин
Баробари ҷон бувад,
Рӯзирасони инсон,
Аз он нону дон бувад.

## БО ТУ

Бо ту бошам, эй Ватан,
Дучандон ғайрати ман.
Домани корат ғирам,
Ҳам сари борат гирам.
Бо ту манам паҳлавон,
Корам аст аз дилу ҷон.
То набинад касе ғам,
То набинад дасти кам.
Дар Ватан бо ифтихор
Рӯзу шабам паси кор.
Дилсӯзу меҳрубонам,
Ин Ватанро нишонам.
Бар хидматаш ғузорам,
Ҳар хидмате, ки дорам.

## ТИФЛИ ДАРЁ

Обаки шӯхи чашма
Чун тифли беқарор аст,
Аз фарози кӯҳистон
Ба дарё раҳсипор аст.

Дарё ба чашма бошад
Чун модари меҳрубон,
Дар бар гирифта ӯро,
Барад ба сайри ҷаҳон.



## НИДОИ ТАНБАЛ

Мағзи ман мешавад об
Доим аз дарси ҳисоб.
Чашмам варам мекунад,
Вақте ки хонам китоб.

Раҳ гаштан бошад азоб
Дар гармии офтоб.
Вақти мактаб рафтан низ
Мешавам доим нотоб.

Аз субҳ то дами шом,
То ки ёбам обу тоб,
Дар бистари гарму нарм
Ноҷунбида равам хоб.



## ХАБАРКАШ

Аз ин дарди бедаво,
То ки гардӣ ту раҳо,

Ҳаргиз нашав суханчин,
Оқил бошу батамкин.

Ҳар гуноҳро ҷазоест,
Хатоеро сазоест,

Сӯзад рӯзе хабаркаш
Мисли ҳезум дар оташ.

Пеши одами оқил
Чи хабаркаш, чи ҷоҳил.



## МАН КАЛОН ШУДАМ

Ман шудам калон,
Ҷӯра ҳам дорам.
Аз ҷӯраи худ
Дар ифтихорам.

Мехезам аз хоб,
Субҳи солеҳон.
Доим ба корам,
Набошам меҳмон.

Бо шавқи афзун
Хонам китобро.
Аз худ намудам
Фанни ҳисобро.

Ҳайрон нашавед,
Мактабхон шудам.
Бояд ки гӯям,
Ман калон шудам.

## ҲИСОБ

Гар ту надонӣ ҳисоб,
Доим монӣ дар азоб.
Зарбу ҷамъу тарҳи он
Кори ту кунад осон.
То намонӣ ҳоли зор,
Дар дӯкону дар бозор.
То нагардӣ шармсор,
Корат бошад бобарор
Инро ба хотират ор,
Ҳисоб донистан даркор.

Китобхонаи давлатии бачагонаи
Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи
М. Миршакар



**Муродалӣ Собир**

# ТИФЛИ ДАРЁ

Муҳаррир Малика Меликова
Муҳаррири техникӣ Умар Азизов
Рассом Зебо Давлатшоева
Тарроҳ ва саҳифабанд Самандар Яъқубов
Ҳуруфчин Маҳина Исломова

Ба матбаа 15.07.2013 супорида шуд. Ба чопаш 18.07.2013 имзо шуд. Андозаи 70x100 $1/_{16}$ Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопӣ 0,5. Адади нашр 1000 нусха.



Муассисаи нашриявии «Маориф ва фарҳанг»-и Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 17.
Тел: 233-93-97, тел/факс: 233-93-97.
E-mail: haitova@inbox.ru


